**Ба Шурои диссертатсиони 6D.КОА-092 – и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоев Суҳроб Сулаймонович дар мавзуи “Афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 – Илми ахлоқ**

Автореферати пешниҳод гардида ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои муҳими илми фалсафа ва ахлоқшиносии Шарқ - ақидаҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ бахшида шудааст. Ин мавзуъ бо назардошти нақши барҷастаи Берунӣ дар ташаккули андешаи фалсафӣ, илмӣ ва фарҳангӣ, ҳамчунин аҳаммияти арзишҳои ахлоқӣ дар ҷомеаи муосир, дорои аҳаммияти баланди илмӣ мебошад.

Дар автореферат муҳимияти мавзуъ асоснок гардида, нишон дода мешавад, ки омӯзиши мероси ахлоқии Берунӣ на танҳо барои шинохти таърихи афкори фалсафии тоҷику форс, балки барои ғанӣ гардонидани ахлоқшиносии муосир низ аҳамияти муҳим дорад. Муаллиф дуруст дарҷ мекунад, ки дар осори Берунӣ масъалаи адолат, ростқавлӣ, инсондӯстӣ ва эҳтиром ба арзишҳои фарҳангии дигар миллатҳо мавқеи марказӣ доранд.

Сатҳи коркарди илмии масъала дар автореферат қаноатбахш арзёбӣ мегардад. Муаллиф ба доираи васеи сарчашмаҳои аслӣ, аз ҷумла осори худи Абурайҳони Берунӣ (“Осор-ул-боқия”, “Ҳиндустон”, “Маъданшиносӣ”), инчунин ба таҳқиқотҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ низ такя намудааст. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертант бо адабиёти илмии марбут ба мавзуъ хуб ошно мебошад.

Наввоарии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки афкори ахлоқии Берунӣ ба таври муназзам ва мукаммал таҳлил гардида, робитаи онҳо бо ҷаҳонбинии илмӣ ва фалсафии мутафаккир нишон дода шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки ахлоқро дар осори Берунӣ на ҳамчун маҷмӯи панду андарзҳо, балки ҳамчун низоми мутакамил ва вобаста ба дониш, таҷриба ва масъулияти иҷтимоии инсон баррасӣ намояд.

Сохтори автореферат мантиқӣ ва мутобиқ ба талаботи рисолаи илмӣ мебошад. Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот равшан муайян гардида, объект ва предмети таҳқиқот дуруст интихоб шудаанд. Хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии рисола бо ҳадафҳои гузошташуда мутобиқат доранд ва аз ҷиҳати илмӣ асосноканд.

Дар автореферати диссертатсия ҳамоҳангӣ ва мувофиқати комили объект, предмет, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо навгониҳо ва нуқтаҳои

ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба назар мерасанд. Навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба муҳтаво ва мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошанд.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферат маълум мегардад, ки диссертатсия аз се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошанд.

Автореферат матни асосии диссертатсияро инъикос намуда, мутобиқи меъёрҳои муайяншуда барои таҳияи диссертатсия ва автореферати диссертатсия мувофиқ мебшад.

Бо вуҷуди бартариҳои зикршуда, дар автореферат баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, бисёр хуб мебуд, ки муқоисаи ақидаҳои ахлоқии Берунӣ бо андешаҳои дигар мутафаккирони ҳамаср ё пешина (масалан, Форобӣ ё Ибни Сино) васеътар анҷом дода мешуд. Ҳамчунин, хуб мешуд, баъзе мафҳумҳои калидии ахлоқӣ ба монанди мурувват, баробарӣ, некӣ, адолат, хайрхоҳӣ, раҳмдилӣ ва хоксорӣ бо таҳлилӣ муфасалтар шарҳи худро меёфтанд.

Мақолаҳои дар саҳифаҳои маҷаллаи тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидаи **Мирзоев С.С.** мазмуни пурраи кори илмиро инъикос менамоянд. Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Мирзоев Суҳроб Сулаймонович дар мавзуи “Афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтсоси 09.00.05 – Илми ахлоқ ҳамчун кори таҳқиқотии мустақилона ва мукаммали илмӣ, ба талабот ва шартҳои дарёфти дараҷаи илмӣ (тибқи банди 72-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 – илми ахлоқ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои фалсафа, и.в.,
дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи давлатии Данғара — Азизов Комил Ҷурахонович

Имзои Азизов К.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара — Тоирзода С.Т.

15.01.2026

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, втлояти Хатлон
Ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25
E-mail: dddangara_2013@mail.ru Тел.: 901706070